**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суроға 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 8, синф. 102)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи "Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст.**

Соҳаи сайёҳӣ аз нигоҳ илмҳои иқтисодӣ ба соҳаҳое дохил мешавад, ки даромаднокиаш нисбат ба дигар соҳаҳо дар миқёси ҷаҳон бештар ба чашм мерасад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳаввулоти соҳаи мазкур аз манфиат холӣ набуда, бо роҳҳои ками хароҷотҳо ба даст овардани фоидаи зиёдро нишон медиҳад. Ин афзалиятнокии соҳаи сайёҳӣ дар бештари кишварҳои ҷаҳон низ мушоҳида гардида, ба рушду инкишофи ҳамаҷонибаи он шароитҳои нав ба навро андешида, маблағгузориҳо равона намуда истодаанд. Бояд қайд намуд, ки барои азнавсозӣ, бунёди сохторҳою зерсохторҳои корхонаю ширкатҳои соҳаи сайёҳӣ, ташкили муосиртарин меҳмонхонаҳо, сохтани маҷмааҳои истироҳатӣ, азнавсозии мавзеъҳои рекреатсионӣ ва рушдиҳии дигар зерқисматҳои он, ки барои ин соҳа ҳамчун асос ва заминагузор дониста мешаванд, аз ҷониби Ҳукумати кишвар ва дигар ниҳодҳои давлативу хусусӣ инчунин, ширкатҳои байналмилалӣ сармоягузориву саҳмгузорӣ карда истодаанд.

Аз нигоҳи муаллиф оид ба моҳияти ҳавасмандии шахсии корманд ва истифодабарии самараноки иқтидори меҳнатии ӯ барои расидан ба ҳадафҳо ва ба даст овардани вазифаҳои гузошташуда, нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, вобаста ба дигаргуншавиҳои иқтисодӣ "Ҳавасмандгардонии захираҳои меҳнатӣ" ба дигар зерсистемаи фаъолиятҳои инсон: ҷустуҷӯ ва дарёфти мутахассис, банақшагирии фаъолияти меҳнатӣ, маълумотнокӣ, мутобиқшавии корманд, омӯзонидану такмили ихтисоси корманд,

инкишофи иқтидори меҳнатӣ, фарҳанги касбӣ ва аттестатсияи корманд таъсир мерасонад, ки он дар (саҳ. 10) ба таври возеҳ шарҳ додааст.

Диссертант оид ба таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон дар ин самт таҳқиқ намуда, истифодаи таҷрибаи давлатҳои таҳқиқшударо дар соҳаи сайёҳӣ яке аз ҳадафҳои рушд ва инкишофи соҳаи мазкур дониста шуда, сифати хидматрасонии кормандон дар ширкатҳои сайёҳии ИМА нисбат ба дигар ширкатҳои ҷаҳонӣ, беҳтарин ба ҳисоб рафта, дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд (саҳ. 14).

Муаллифи автореферат ба маврид зикр менамояд, ки соҳаи сайёҳӣ ба ҷоринамоӣ ва истифодаи технологияи замонавӣ мусоидат намуда, ба пурзӯр кардани фаъолияти бозори ҷаҳонии мол ва хизматрасонӣ кумак мекунад, инчунин, имкони маблағгузориро ба соҳаҳои гуногуни истеҳсолот фароҳам оварда, барои ҳалли масъалаҳои ба кор таъмин намудан ва солимгардонии аҳолии мамлакат ёрӣ мерасонад.

Матни автореферат ва мақолаҳои ба табъ расидаи муаллиф мазмуну муҳтавои мавзуи таҳқиқшавандаро инъикос намуда, асоси таҳқиқотро фарогир мебошад. Албата дар баробари пешравиҳои илмӣ баъзан хатогиҳо ба чашм мерасад, аз қабили:

1. Унвонҷӯ масъалаи хидматрасониҳои сайёҳиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, дар минтақҳои махсусгардонидашудаи сайёҳии кишвар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медод, ба маврид мешуд.
2. Хуб мешуд, ки аз таҷрибаи давлатҳои ба мо наздик ба хусус давлатҳои ИДМ дар рушди соҳаи сайёҳӣ арзёбӣ мегардид.

Маврид ба зикр аст, ки ин камбудиҳои номбаршуда ба арзиши илмиву назариявии авторефератро паст наменамояд.

Автореферати Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи "Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон" дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) сазовор дониста мешавад.

**Муқарризи расмӣ:**

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ
ва аудити Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Шарифов З.Р.

**Имзои д.и.и., профессор Шарифов З.Р-**ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти
ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Қурбонзода А. Х.
13.12.2024

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 146, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур. Бинои асосӣ, утоқи - 209; E-mail: zarif sharifov49@mail.ru
Телефон: (+992) 905-00-44-00